# НАШРИ МАХСУС

## МАВЗӮИ АСОСӢ:

## БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ ЧОРДАҲУМИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОДИ БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ



Рӯзи 17 ноябри соли 2014, дар шаҳри Душанбе, таҳти раёсати Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи чордаҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардида, панҷ масъалаи асосӣ дида баромада шуданд, аз ҷумла:

1. Гузориш оид ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.
2. Дар бораи фаъолияти Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон.
3. Оид ба татбиқи Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014.
4. Муаррифии натиҷаҳои таҳлил оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ дар Тоҷикистон.
5. Дар бораи лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ (агробизнес) дар Тоҷикистон.




Раиси Шӯро - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XIV Шӯрои машваратиро оғоз намуда, ҷаноби Сума Чакрабарти - Президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушдро хайрамақдам гуфтанд ва нақши Бонки мазкурро дар татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва лоиҳаҳои инфрасохторӣ баланд арзёбӣ намуданд.

Инчунин зикр гардид, ки 15 октябри соли равон таҳти сарпарастии Ҳукумати Тоҷикистон ва бо дастгирии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ва дигар шарикони рушд, аз ҷумла Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо бори нахуст Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе-2014, таҳти унвони “Соҳибкорӣ - муҳаррики иқтисодиёт” баргузор гардид.

Дар Форуми мазкур, роҳбарон ва намояндагони созмонҳои байналмилалии молиявӣ, соҳибкорони ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ аз 35 мамолики ҷаҳон иштирок намуданд, ки бешубҳа нишони боварӣ нисбат ба фазои мусоиди сармоягузории мамлакат ва ҳавасмандӣ ҷиҳати саҳмгузорӣ дар рушди иқтсодиёти Тоҷикистон мебошад.

Натиҷаҳои Форум назаррас буда, дар доираи он як қатор ёддоштҳои тафоҳуми ҳамкорӣ ва Изҳороти Форум қабул гардид, ки ба рушд ва тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ мусоидат хоҳад намуд.




Сипас ҷаноби Сума Чакрабарти - Президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд баромад намуда, оид ба нақши минбаъдаи Бонк дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва беҳсозии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла татбиқи бомароми як қатор лоиҳаҳо дар бахшҳои энергетика, молия, таҷдиди роҳҳо, тиҷорат ва дастгирии бахши хусусӣ суханронӣ намуд.

**Оид ба масъалаи якум,** гузориши Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Қодири Қосим оид ба натиҷаҳои мониторинги ичрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ шунида шуд.




Тавре қайд гардид, қарорҳои қабулгардида аз ҷониби масъулин ва вазорату идораҳои мутасаддӣ дар маҷмуъ иҷро гардидаанд.

Аз ҷумла, лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта мукаммал ва ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар таҳрири нав таҳия гардида истодааст, ки барои рушди бахши суғурта дар ҷумҳурӣ такони ҷиддӣ хоҳанд бахшид.

Вобаста ба шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага ё худ Конвенсияи Апостил оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961, санаи 29 октябр Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон Конвенсияи мазкурро ба тасвиб расонд, ки ин барои ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад намуд.

Бо мақсади ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон Бонки миллии Тоҷикистон бо агентиҳои рейтингии бонуфузи ҷаҳонӣ Standard & Poor's ва Moody's ҳамкориҳоро ба роҳ монда, аз рӯи натиҷаҳои он моҳи декабри соли ҷорӣ лоиҳаи хулоса ва натиҷаи минбаъдаи корӣ ҷиҳати пешниҳоди рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон манзур мегардад.




Оид ба мониторинги ичрои қарорҳои Шӯро, инчунин намояндаи бахши хусусӣ дар Шӯрои машваратӣ, Роҳбари Ассоциатсияи агробизнеси Тоҷикистон Шораҳматов Шорауф ва узви Шӯро, Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон, Кристофер Миллер баромад карданд.

Аз ҷумла, Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон, Кристофер Миллер қайд кард, ки дар натиҷаи ислоҳоти бомаром Ҷумҳурии Тоҷикистон соли ҷорӣ бори сеюм дар баробари солҳои 2010-2011 ҳамчун

**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ №48**
**КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ**

беҳтарин мамлакати ислоҳотгари ҷаҳон эътироф гардид. Ин нишонаи баланд арзёбӣ гардидани сайъу талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.



Ҳамчунин намояндаи бахши хусусӣ дар Шӯрои машваратӣ, Роҳбари Ассоциатсияи агробизнеси Тоҷикистон Шораҳматов Шорауф иброз намуданд, ки дар доираи фаъолияти Шӯрои машварати назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ солҳои охир як қатор ислоҳоти муҳим гузаронида шуда, ба рушди устувори саробягузориву соҳибкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, кишоварзӣ, сохтмону алоқа, ислоҳоти куллӣ мусоидат намуда истодааст.

Аз ҷумла баргузор намудани мулоқоти Президенти мамлакат бо соҳибкорон ва сармоягузорон ва нахустин Форуми иктисодию сармоягузории Душанбе - 2014 таҳти шиори "Соҳибкорӣ – муҳаррики иқтисодиёт" худ нишони дастгирӣ ва ғамхории беандоза нисбати бахши хусусӣ мебошад. Дар натиҷаи ин чорабиниҳо тамоми масъалаҳои ҳалталаби рушди соҳибкорию сармоягузорӣ баррасӣ гардида, нисбат ба таклифу дархостҳои соҳибкорон ва сармоягузорон ба мақомоти дахлдори марказӣ ва маҳаллӣ супоришҳои дахлдор дода шуда, Нақшаи чорабиниҳои мулоқот ва санади ниҳоии Форум қабул карда шуд, ки дар мавриди пурра амалӣ гаштани онҳо таваҷҷуҳи мардум ба соҳибкорӣ, алалхусус соҳибкории истеҳсолӣ боз ҳам бештар хоҳад шуд.



Бо изҳори қаноатманди зикр гардид, ки намояндагони бахши хусусӣ дар таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар таҳрири нав, фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ фаъолона ширкат намуда истодаанд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки ҷиҳати иҷрои қарорҳои Шӯро корҳои назаррас анҷом дода шуданд.

Хусусан саҳми бахши соҳибкорӣ ва заҳматҳои намояндагони он дар корҳои ободонӣ, сохтмони иншоотҳои гуногуни истеҳсоливу маишӣ ва фарҳангӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, таъсиси ҳазорҳо ҷойҳои корӣ, дастгирии иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми ҷумҳурӣ баланд арзёбӣ карда шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади дастгирии зарурати бештари ташаббусҳои бахши хусусӣ оид ба корҳои ободонӣ, таҳия намудани механизми мушаххасе, ки масъулияти сохторҳои давлатиро дар назди бахши хусусӣ баланд мебардорад, қайд карда шуд.



Бори дигар ба шарикони рушд ҷиҳати иштироки фаъолона дар ҷараёни татбиқи қарорҳои Шӯро ва баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои худ, аз ҷумла самаранокии иқтисодӣ ва молиявии онҳо тавсия дода шуд. Қайд гардид, ки лоиҳаҳои татбиқнамудаи шарикони рушд бояд ба ҳадафҳои иқтисодии Тоҷикистон мувофиқ бошанд ва ҳангоми амалисозии лоиҳаҳо афзалиятҳои миллии ҷумҳурӣ дар мадди аввал гузошта шавад. Раиси Шӯро бо боварӣ изҳор намуданд, ки шарикони боэътимод дар ин самт фаъолияти худро ҷоннок хоҳанд кард.

**Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа,** маърӯзаи Раиси Шӯрои машваратии минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон - Давлатшо Гулмаҳмадзода дар бораи фаъолияти Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон шунида шуд.

Дар робита ба масъалаи мазкур Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки вазъи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар вилоят сол аз сол беҳтар шуда, бо вуҷуди ин имкониятҳои зиёди иқтисодии вилоят аз мадди истифодаи соҳибкорони маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ дур мондааст. Ҳалли мушкилоте, ки имрӯз дар вилоят барои рушди фаъолнокии иқтисодӣ монеа эҷод менамоянд, бояд вазифаи аввалиндараҷаи Шӯрои назди Раиси вилоят гардад.

Бинобар ин, зарур аст, ки Шӯрои вилоятӣ ва котиботи он фаъолияти худро ба дараҷаи сифатан нав бароварда, мунтазам ҷаласаҳои худро доир намояд.
Ғайр аз ин пайгирӣ намудани самтҳои нави рушди иқтисодии вилоят, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ, саноат, энергетика ва сайёҳӣ метавонад дар дурнамои

наздик ҷиҳати таъсиси ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ ва баланд намудани некӯаҳволии мардум заминаи мусоид гузорад.

**Оид ба масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа,** Раиси Кумитаи сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Тоҷикистон - Абдувалӣ Комилзода баромад намуда, роҷеъ ба рафти татбиқи Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши сохтмон барои солҳои 2012-2014 гузориш дод.

Вобаста ба масъалаи мазкур Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки солҳои охир соҳаи сохтмон дар ҷумҳурӣ рушд ёфта истода, як қатор иншооти ҳаётан муҳим, аз ҷумла нерӯгоҳҳои барқи обии бузург ва хурду миёна, хатҳои интиқоли барқ, сохтмон ва азнавсозии роҳҳои мошингард, нақбҳои бузурги мошингузар, роҳи оҳан, садҳо хонаҳои истиқоматӣ, иншооти фарҳангиву таълимӣ сохта ба истифода дода шуданд.

Вале то ҳол ҷиҳати амалӣ намудани корҳои сохтмонӣ масъалаҳои ҳалталабе мавҷуданд, ки ҳалли мусбии онҳо барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва ҳам барои сармоягузороне, ки дар соҳаи сохтмони кишвар фаъолият мекунанд ва ё фаъолият карданӣ ҳастанд, муҳим мебошанд.



**Оид ба масъалаи чоруми рӯзномаи ҷаласа,** Раиси Бонки миллии Тоҷикистон - Абдуҷаббор Ширинов баромад намуда, ҷиҳати натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қимматнок ва ташкили биржаи фондӣ гузориш дод. Аз ҷумла, дар ҷаласа ҳисоботи гурӯҳи корӣ бо тавсияҳои мушаххас ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қимматнок ва биржаҳои фондӣ муаррифӣ карда шуд.

Инчунин оид ба масъалаи мазкур Роҳбари Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Изатулло Лалбеков баромад намуда, оид ба нақши бахши хусусӣ дар рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ибрози назар кард.

Оид ба ин масъала Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккулёбии асосҳои ҳуқуқиву иқтисодии рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ қарор дошта, изҳори итминон карда шуд, ки дар муддати кӯтоҳ дар ҷумҳурӣ барои ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам дар ин ҷода заминаҳои мусоид фароҳам оварда мешаванд.

Бинобар ин, ба шарикони рушд тавсия дода шуд, ки дар таҳкими сохтори институтсионалии бахши мазкур тибқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ бо мақсади

бароҳмонии фаъолияти босамари биржаҳои фондӣ, мубодилаи донишҳо, таҷриба ва иттилоот, дастгирии чорабиниҳои тарғиботӣ, инчунин бозомӯзии мутахассисони соҳавӣ мусоидат намоянд.

**Вобаста ба масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа,** Котиби масъули Шӯро - Қодири Қосим маълумот дода, масъалаи беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ (агробизнес) дар Тоҷикистонро барои баррасӣ ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод намуд, ки он аз ҷониби ҳамаи аъзои Шӯрои машваратӣ дастгирӣ ёфт.



Аз Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шуд, ки ҷиҳати аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба таҳлили масъалаи мазкур дастур дода шавад.

Дар суханронии ҷамъбастии худ, Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои худро оид ба масъалаҳои дар ҷаласа баррасигардида баён намуда, вобаста ба нуктаҳои қайдгардида ба мақомот, масъулини дахлдор ва шарикони рушд дастуру супоришҳо ва тавсияҳо доданд.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Нумон Абдуҷаборов - Роҳбари Котибот***
***Дилшод Одинаев - мушовири иқтисодӣ***
***Манучеҳра Мадҷонова - мушовири иқтисодӣ***
***Сафарбӣ Файзова - ёвари маъмурӣ***